Тибки Барномаи мачмӯии рушди тарбияи чисмонӣ ва варзиш дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2017-2021 ва дар асоси дастуру супоришхои Президенти Чумхурии Точикистон, Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар нохия мусобикаи варзишӣ оид ба футбол байни дастахои чамоатхои шахраку дехоти нохия барои дарёфти чоми Раиси нохия то санаи 10-уми июн баргузор мегардад. Максади асосии Барномаи мазкур, дастрасии он барои ахолӣ, оммавигардонии варзиш, таъмини самаранокии машгулиятхои чисмонии ахолӣ ва ба ин васила пайдо намудани наврасону чавонони болаёкат барои расидан ба натичахои баланди варзишӣ дар сатхи мусобикахои байналмилалӣ мебошад.

Мусобикаи нохияви оид ба футбол барои дарёфти чоми Раиси нохия дар майдончахои варзишии худуди нохия бо иштироки 6 даста аз чамоатхои шахраку дехоти нохия гузаронида мешавад.

Мусобика бо максади тахкими тарзи хаёти солим, мустахкам намудани алокаи дӯстӣ, оммавигардонии варзиш, дарёфт намудани чехрахои нави варзишӣ ва бо ин васила дуруст истифода намудани иншоотхои варзишӣ доир шуда, голибон бо Чоми раиси нохия, диплом ва медал сарфароз гардонида мешаванд.







